## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Солеҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи «Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Таҳқиқу пажӯҳиш ва муайян намудани марҳалаҳои асосии рушди ашъори тасаввуфӣ-ирфонии адабиёти форс-тоҷик яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ буда, омӯзишу таҳқиқ ва ҳаллу фасли шоистаи мавзӯи мавриди назар дар осори як тан аз саромадони ҳамин ҷараён, яъне Ҳаким Саноӣ, ки мавзӯи меҳварии диссертатсияи Солеҳов М.О. мебошад, сазовори таҳсин аст. Бо он ки бархе адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ ва ховаршиносон роҷеъ ба мавзӯи мавриди баҳс таҳқиқоти густардаву судманде анҷом додаанд, вале, тибқи андешаи муаллифи диссертатсия, баъзе паҳлуҳои муҳим ва баҳснок дар ин масъала то кунун ҷой доранд, ки нигарони таҳқиқ ва ҳаллу фасли мукаммаланд.

Ба назар чунин мерасад, ки муаллифи диссертатсия ба хотири аз миён бурдани камбудиву норасоиҳои дар ин масъала ҷойдошта ва аз ҷиҳати илмӣ пурраву комил гардондани баъзе паҳлуҳои норавшан ва баҳсноки эҷодиёти Ҳаким Саноӣ ба ин кор иқдом кардааст.

Аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки таҳқиқоти суратгирифта аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса ва феҳристи осори марбут ба мавзӯъ иборат аст. Дар муқаддима муаллиф роҷеъ ба муҳиммияти мавзӯъ, асоснокии он, дараҷаи омӯзишу таҳқиқи масъала ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот таваҷҷуҳ зоҳир карда, асосҳои назариявӣ, методологӣ, методи таҳқиқ, арзишҳои назарию амалии диссертатсия ва натиҷаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро мувофиқи талабот баён ва саҳми шахсии худро дар таҳқиқи мавзӯи мазкур ва татбиқи амалии натиҷаҳои он муайян кардааст.

Боби аввали рисола «Заминаҳои зуҳури назми тасаввуфӣ» ном дошта, аз се фаслу ду зерфасл фароҳам омадааст, ки дар онҳо доир ба заминаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, омилҳои мафкуравӣ, зуҳури аносири жанрӣ, оғози пайдоиши назми тасаввуфӣ ва дар ҳамин замина оид ба анвои адабии назми сӯфиёна баҳсҳои басо ҷолибу арзишманди илмӣ сурат гирифтаанд.

Боби дуюм «Марҳалаҳои асосии ташаккули назми тасаввуфии форс-тоҷик» тасмия шуда, дорои ду фасл ва ду зерфасл аст. Дар ин бахшҳо масоили вазъи назми тасаввуфӣ то замони Ҳаким Саноӣ, омилҳои зуҳури шеъри тасаввуфӣ ва умуман, адабиёти ирфонӣ ҳамчун болоравии сатҳи тафаккури адабӣ-ҳунарии миллӣ, марҳалаҳои рушди адабиёти тасаввуфӣ, ташаккули адабиёти тасаввуфӣ дар эҷодиёти Саноии Ғазнавӣ ва монанди инҳо таҳқиқ шудаанд.

Боби сеюм «Навовариҳои Ҳаким Саноӣ дар шакл ва мундариҷаи назми тасаввуфӣ» унвон дошта, маҷмӯан аз чор фаслу ду зерфасл иборат аст. Дар фаслу зерфаслҳои боби мазкур масъалаҳои анвои назми тасаввуфӣ дар эҷодиёти Саноии Ғазнавӣ, тозакориҳои адиб дар анвои адабии ғиноӣ, таъсири осори Ҳаким Саноӣ ба эҷодиёти ҳамасрону адибони баъдӣ, рушду таҳаввули минбаъдат назми тасаввуфии адабиёти форс-тоҷик ва амсоли инҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, ибдооту ибтикороти бунёдии шоири мавриди баҳс бо асноду далоили мушаххас баррасӣ гардидаанд.

Муҳаққиқ зимни тадқиқоти сомондодаи хеш дар фарҷоми ҳамаи фаслу бобҳо ва зерфаслҳо андешаҳояшро ба таври мухтасар хулоса карда бошад ҳам, дар интиҳои рисола аз натиҷаҳои бадастомада ба хулосаҳои комили илмӣ омадааст, ки ин боиси афзунии арзиши илмии диссертатсия гардидааст.

Ба ҳамин тартиб, автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигориши он аз мустақилияти фикрӣ, пажӯҳишҳои илмӣ ва кӯшиши навгӯйии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқӣ ва имлоию услубии автореферат қавӣ буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Бо дарназардошти ба эътибор гирифтани ҷанбаҳои илман қавии диссертатсия бо камоли эътимод метавон гуфт, ки муҳаққиқ Солеҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи «Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик» кори арзандаи пажӯҳишӣ сомон дода тавонистааст. Таҳқиқот арзиши волои назарӣ ва амалӣ дошта, он дар заминаи сарчашмаҳои муътамади илмӣ-назариявӣ омода гардидааст. Бояд гуфт, ки мавзӯи мазкур бори аввал дар шакли рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ рӯйи кор омада, дар доираи таҳқиқи диссертатсияи илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллиф тавонистааст аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштааш ба хубӣ бароядд.

Аз автореферати диссертатсия ба суҳулат метавон дарёфт, ки таҳқиқи анҷомдодаи Солеҳов Мирзо Одинаевич, ҳарчанд дар ҷодаи шинохту шиносонидани Ҳаким Саноии Ғазнавӣ икдоми нахустин нест, вале дар баррасии масоили зиёд, бавижа мухтассоти ашъори ирфонии ин шоир, тозакориҳои қобили мулоҳизае дорад. Баҳсҳои басо ҷолибу арзишманди илмӣ бо дигар муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки аз ҷониби муаллиф сурат гирифтааст, ба арзиши илмии диссертатсия афзудааст.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷузъӣ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо сифати корро боз ҳам беҳтар менамояд. Аз ҷумла:

1. Илова бар он ки дар автореферат баъзе ғалатҳои ҷузъии техникӣ, имлоӣ, пунктуатсионӣ мавҷуданд, ҳамчунин муаллиф ҳангоми арзёбии асомии муҳаққиқоне, ки роҷеъ ба Ҳаким Саноӣ таҳқиқот доранд, аз донишмандоне чун Абдулҳусайни Зарринкӯб, Сируси Шамисо ва дигарон ном набурдааст, ҳол он ки саҳми ин донишмандон дар таҳқиқ ва баррасии баъзе паҳлуҳои эҷодиёти суханвари мавриди назар қобили мулоҳиза аст.

Бояд арз дошт, ки камбудиҳои манзуршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи рисола вазифаҳои дар назди худ гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расондааст.

Фишурдаи рисола ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки ҳамаашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи илмии Солеҳов Мирзо Одинаевич «Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик» таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав: Тағоймуродов Р.Ҳ.**

**Имзои Р.Ҳ. Тағоймуродовро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав: Шукурзод Ҷ.А.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: bgu-1978@mail.ru**